**Парки технологии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат**

Парки технологии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат (минбаъд ПТ ДССХ) бо Қарори Шӯрои олимони ДССваХ аз санаи 23 июни соли 2017 таҳти №12/7 таъсис дода шудааст. Парки инноватсионию технологии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ таъсис дода шудааст ва дар асоси худмаблағгузорӣ фаъолият мекунад. Дар ПТ ДССХ 5 нафар кору фаъолият менамоянд. ПТ ДССХ дорои утоқи кории роҳбарият, синфхонаи алоҳида барои омӯзиши курсҳои компютерӣ (дорои 10 адад компютер), синфхонаҳои дӯзандагӣ (4 мошинаи электронӣ, 2 мошинаи дастии дарздӯзӣ) ва сехи кулолгарӣ иборат мебошад. Дастовардҳои ПТ, махсусан маҳсулотҳои сехи кулолгарии ПТ, ҳамчун эҳёи ҳунарҳои мардумӣ дар чорабиниҳои сатҳи давлатӣ ба намоиш ва фурӯш гузошта мешаванд. ПТ ба шабакаи Интернет пайваст мебошад. ПТ ДССХ бо таҷҳизотҳои зарурӣ таъмин мебошад. Омилҳое, ки садди роҳи фаъолияти технопарк гардидааст ин баланд будани меъёри андозбандӣ мебошад.